ШАФКАТУЛЛО БОБОЕВ
АҲЛИДДИН МИРЗОЗОДА
ШОҲМУРОД ДАВЛАТМУРОДОВ




# ТАСНИФОТИ НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ МУҲОСИБӢ



ШАФҚАТУЛЛО БОБОЕВ
АҲЛИДДИН МИРЗОЗОДА
ШОҲМУРОД ДАВЛАТМУРОДОВ

# ТАСНИФОТИ НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ МУҲОСИБӢ

Воситаи таълимии мухтасар барои дарсҳои амалӣ

*Ба солҳои 2020-2040
солҳои рушди фанҳои
табиатшиносӣ, дақиқ ва
риёзӣ бахшида мешавад.*

ДУШАНБЕ
2020

ББК 92я2+65,052+65,9(2)26
М - 57

**Муқарризон:**

**Мирзохонов С.О. –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Сайфуров К. –** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Ниъмонов М. –** муаллими калони Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номӣ академик М. Осимӣ

**Мураттибон:**

**Бобоев Ш.Н.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва ҳисобдории Коллечи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ

**Мирзозода А.Д.** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, докторанти Phd аз руи ихтисоси иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Точикистон

**Давлатмуродов Ш.М.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи менечменти молиявии Донишгоҳи миллии Точикистон

**Муҳаррири масъул:**

**Холматов Р.Б.** - н.и.и., дотсенти Коллеҷи техникии ДТТ ба номӣ академик М. Осимӣ

Дар Шурои илмӣ – методии Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ дида баромада шуда, ҳамчун воситаи мухтасари таълимӣ, барои дарсҳои амалии донишҷӯёни ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит, молия, омор, андоз, автоматикунонии кори бонкӣ ва доираи васеи хонандагон тавсия карда шудааст.
**Пайнавишти № 2/8.5 аз 29. 09.2020 сол.**

М-57

**Бобоев Ш.Н., Мирзозода А.Д., Давлатмуродов Ш.М.**
Таснифоти нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ. (воситаи таълимӣ). -
Душабе: 2020. - 136 с.

*ISBN 978-99975-58-86-2*

© Бобоев Ш.Н., Мирзозода А.Д., Давлатмуродов Ш.М., 2020

# МУНДАРИЧА

ПЕШГУФТОР........................................................................ 4
ҚИСМИ 1. НАҚШАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ - ХОҶАГИИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ ........................................ 5
БОБИ 1.1. ДОРОИҲО ........................................................................ 5
БОБИ 1.2. УҲДАДОРИҲО ........................................................................ 20
БОБИ 1.3. САРМОЯ ........................................................................ 25
БОБИ 1.4. ДАРОМАД ........................................................................ 27
БОБИ 1.5. ХАРОҶОТ ........................................................................ 28
БОБИ 1.6. ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТИ ҒАЙРИ АМАЛИЁТӢ.. 31
БОБИ 1.7. МАҶМӮИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ ........................ 32

ҚИСМИ 2. НАҚШАИ ЯГОНАИ ҲИСОБҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ТАШКИЛОТУ МУАССИСАҲОИ БУҶЕТӢ ВА ХАЗИНАДОРӢ ........................ 33
БОБИ 2.1. ДОРОИҲО ........................................................................ 33
БОБИ 2.2. УҲДАДОРИҲО ........................................................................ 49
БОБИ 2.3. САРМОЯ ........................................................................ 55
БОБИ 2.4. ДАРОМАД ........................................................................ 61
БОБИ 2.5. ХАРОҶОТ ........................................................................ 73
БОБИ 2.6. БАҚИЯИ АМАЛИЁТИИ СОФ ........................................ 85
БОБИ 2.7. ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ ........................................ 86

ҚИСМИ 3. ТАВСИФИ ҲИСОБҲОИ ТАВОЗУНӢ. ҚОИДАҲОИ ҲИСОБДОРИИ МУҲОСИБАВӢ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД ....... 88
БОБИ 3.1. ДОРОИҲО ........................................................................ 88
БОБИ 3.2. УҲДАДОРИҲО ........................................................................ 105
БОБИ 3.3. САРМОЯ ........................................................................ 112
БОБИ 3.4. ДАРОМАД ........................................................................ 114
БОБИ 3.5. ХАРОҶОТ ........................................................................ 117
БОБИ 3.6. ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ ........................................ 121

АДАБИЁТИ ТАВСИЯШАВАНДА ........................................ 135

## ПЕШГУФТОР

Гузариш ба Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) раванди хело мураккаб ва тулонӣ мутобиқшаванда ба шумор меравад. Суръати рушди воқеияти иқтисодиёти рақамӣ ва омодагии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳосиботи амалӣ ба навигариҳои замони муосир бояд мутобиқат дошта бошад.

Дар шароити имрӯза дар бозори меҳнат талабот ба мутахассисони соҳаи ҳисобдорӣ, махсусан дар муассисаҳои буҷетӣ ва ташкилотҳои қарзии кишвар, ки донандаи стандартҳои байналхалқии баҳисобгирии муҳосибии бахши давлатӣ ва стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ мебошанд, инчунин аз техникаи замони муосири ҳисобдорӣ истифода карда тавонанд меафзояд.

Хонандагони арҷманд, таснифоти нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ, ки дар даст доред фарогири омӯзиши нақшаи ҳисобҳои муҳосибии субъектҳои хоҷагидории кишвар мебошад. Дар он масоили вобаста ба нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ - хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ, *(дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот, даромад ва хароҷоти ғайри амалиётӣ, маҷмӯи даромад ва хароҷот)*, нақшаи ягонаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ *(дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот, бақияи амалиётии соф, ҳисобҳои ғайритавозунӣ)* ва тавсифи ҳисобҳои тавозунӣ, қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд *(дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад, хароҷот ва ҳисобҳои ғайритавозунӣ)* иборат буда, дар заминаи стандартҳои қабулгардидаи соҳаи ҳисобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешкаши хонандагон гардонида шудааст.

Илова бар ин, дар восита намунаи мукотиботи ҳисобҳо оварда шуда, барои санҷиши дониши назариявӣ ва малакаи амалии толибилмон мусоидат хоҳад намуд. Ҳангоми таҳияи воситаи таълимӣ аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода намудем.

Воситаи мазкур метавонад ҳамчун васоити аёнӣ барои донишҷӯён ва магистрантон дар низоми кредитии таҳсилот кумак намояд. Ба муҳосибон, молиячиён ва аудиторон усули муҳимтарини мубодилаи иттилоот оиди ҳисобҳои муҳосибӣ ёрӣ расонида, бовар дорем, ки дар таҳкими неруи зеҳнӣ ва маҳорату малакаи мутахассисони соҳа ва татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилоту муассисаҳо саҳми босазо хоҳад гузошт.

***Аз мураттиб: Аҳлиддин Мирзозода***


0101